**БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

# ШАРҲИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НУҲ МОҲИ СОЛИ 2020

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 30 сентябри соли 2020 хизматрасониҳои суғуртавӣ аз ҷониби 18 иштирокчии касбии бозори суғурта амалӣ карда мешаванд, ки онҳо аз 2 адад ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ (КВД), 15 адад ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ ва 1 адад Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила иборат мебошанд. Дар ин давра, шумораи филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ ба 77 адад баробар шуданд. Шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ дар давраи ҳисоботӣ бинобар сабаби барҳамхӯрии ҶДММ “ТС Лидер иншуранс” ба 1 адад кам гардидааст.

**Ҷадвали 1. Сохтори иштирокчиёни касбии бозори суғурта** (адад)

| | *9/2019* | *9/2020* | *Тағйирот (+/-)* |
|---|---|---|---|
| Ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ | 2 | 2 | 0 |
| Ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ | 16 | 15 | -1 |
| Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила | 1 | 1 | 0 |
| **Ҳамагӣ:** | **19** | **18** | **-1** |
| Филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ | 77 | 77 | 0 |

**Дороиҳои умумии ташкилотҳои суғуртавии кишвар** дар маҷмӯъ дар нуҳ моҳи соли 2020 ба 417,3 млн. сомонӣ баробар гардида, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 14,6 млн. сомонӣ (3,4 фоиз) кам гардидааст. Айни замон, саҳми низоми суғурта дар низоми молиявии кишвар ба **1,7 фоиз** баробар шуда, ҳаҷми умумии дороиҳои иштирокчиёни касбии бозори суғурта дар давраи ҳисоботӣ **нисбат ба ММД 0,74 фоизро** ташкил намуд.

**Диаграммаи 1. Тағйирёбии дороиҳои низоми суғурта дар солҳои 2015-2019 ва нуҳ моҳи соли 2020**




Дар давраи ҳисоботӣ уҳдадориҳои тавозунии ташкилотҳои суғуртавӣ 201,4 млн. сомониро ташкил доданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 50,3 млн. сомонӣ (20,0 фоиз) камтар мебошанд.

**Диаграммаи 2. Тағйирёбии уҳдадориҳои тавозунии низоми суғурта дар солҳои 2015-2019 ва нуҳ моҳи соли 2020**




**Маблағҳои худии (сармояи)** [1] **иштирокчиёни касбии бозори суғурта** дар нуҳ моҳи соли 2020 маблағи 215,9 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 35,7 млн. сомонӣ (19,8 фоиз) афзоиш ёфтааст, ки ин раванд дар самти устувории молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ мусбӣ арзёбӣ

---

[1] Маблағҳои худии (сармояи) ташкилотҳои суғуртавӣ сармояи оинномавӣ, сармояи захиравӣ, сармояи иловагӣ, фонди ҳавасмандгардонӣ, инчунин фоидаи тақсимнашударо дар бар мегиранд.

мегардад. Боиси зикр аст, ки қисми асосии маблағҳои худии (сармояи) иштирокчиёни касбии бозори суғуртаро сармояи оинномавии онҳо ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда дар нуҳ моҳи соли 2020 122,9 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 3,3 млн. сомонӣ (2,8 фоиз) зиёд шудааст.

**Диаграммаи 3. Тағйирёбии маблағҳои худии (сармояи) низоми суғурта дар солҳои 2015-2019 ва нуҳ моҳи соли 2020**




**Диаграммаи 4. Тағйирёбии сармояи оинномавии низоми суғурта дар солҳои 2015-2019 ва нуҳ моҳи соли 2020**




**Мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)**, ки яке аз сарчашмаҳои асосии даромади ташкилотҳои суғуртавӣ ба ҳисоб меравад, дар давраи баррасишаванда ҳаҷми умумии воридоти он ба 175,3 млн. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли сипаришуда 6,8 млн. сомонӣ (4,1 фоиз) афзоиш ёфтааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки афзоиши мазкур аз ҳисоби зиёд гардидани воридоти мукофоти (ҳаққӣ) суғуртавии ҶДММ «ТС БИМА», ҶДММ«ТС Эсхата Суғурта», ҶСДММ «Спитамен Суғурта» ва ҶСП «ТС «Суғуртаи аввалини миллӣ» ба амал омадааст.

**Диаграммаи 5. Тағйирёбии воридоти мукофоти суғуртавӣ дар солҳои 2015-2019 ва нуҳ моҳи соли 2020.**



**Дар нуҳ моҳи соли 2020 воридоти мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ**[2] аз рӯи шаклҳои суғуртаи ҳатмии давлатӣ ва суғуртаи ҳатмӣ мутаносибан 895,1 ҳазор сомонӣ ва 46,4 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мувофиқан 67,3 ҳазор сомонӣ (7,0 фоиз) ва 4,5 млн. сомонӣ (8,8 фоиз) кам гардидаанд.

Дар давоми нуҳ моҳи соли ҷорӣ воридоти мукофоти (ҳаққи) суғуртавӣ аз рӯи суғуртаи ихтиёрӣ бошад, дар ин давра ба 128,0 млн. сомонӣ баробар шуд, ки ҳиссаи он 73,0 фоизи ҳаҷми умумии мукофотҳои суғуртавиро дар кишвар ташкил медиҳад. Ҳаҷми суғуртаи ихтиёрӣ дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 11,4 млн. сомонӣ  зиёд гардида, ҳиссаи он бошад, ба андозаи 9,8 банди фоизӣ афзудааст. Раванди мазкур шаҳодат аз он медиҳад, ки суғуртакунии ихтиёрӣ дар кишвар то андозае рушд карда истодааст ва ташкилотҳои суғуртавии ватанӣ ҷиҳати тақвият бахшидани ин раванд тавассути пешниҳоди хизматрасониҳои муосири суғуртавӣ ба аҳолии ҷумҳурӣ тамоми имкониятҳои мавҷудаи худро истифода намуда истодаанд.

**Диаграммаи 6. Тағйирёбии воридоти мукофоти суғуртавӣ аз рӯи шаклҳои суғурта дар нуҳ моҳи солҳои 2019 ва 2020**




**Ӯҳдадориҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ** дар нуҳ моҳи соли ҳисоботӣ 33,0 млрд. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 41,0 млрд. сомонӣ (2,2 маротиба) кам мебошад. Сабаби асосии ба маротиб

2 Ҳаҷми воридоти умумии мукофотҳои суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯи шаклҳо ба суғуртаи ҳатмии давлатӣ, ҳатмӣ ва ихтиёрӣ ҷудо мешаванд. Таҳлилҳои оморӣ исбот менамоянд, ки ҳиссаи бештари воридоти мукофоти суғуртавӣ ба суғуртаи ихтиёрӣ рост меояд.

кам шудани уҳдадориҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ аз ҳисоби барҳамхӯрии ҶДММ ТС “Лидер иншуранс” ба вуқӯъ пайвастааст, ки уҳдадориҳои он дар нуҳ моҳи соли 2019 ба 43,0 млрд. сомонӣ баробар буд.

Ҳаққи мукофоти суғуртавии ба азнавсуғуртакунӣ ирсолгардида бошад[3], дар нуҳ моҳи соли 2020 ба 50,8 млн. сомонӣ баробар шуд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 5,8 млн. сомонӣ (13,0 фоиз) зиёд мебошад.

**Дар нуҳ моҳи соли ҳисоботӣ пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ** дар маҷмӯъ 12,6 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба нуҳ моҳи соли 2019 3,2 млн. сомонӣ (34,0 фоиз) зиёд мебошад. Афзоиши мазкур аз он далолат мекунад, ки ташкилотҳои суғуртавӣ ҳангоми рух додани ҳодисаҳои суғуртавии баамаломада ба аҳолӣ барои руйпӯш намудани зарари расонидашуда маблағҳои бештарро равона намудаанд.

**Диаграммаи 7. Тағйирёбии пардохт (ҷуброни) суғуртавӣ дар солҳои 2015-2019 ва нуҳ моҳи соли 2020**




**Диаграммаи 8. Тағйирёбии таносуби пардохт (ҷуброни) суғуртавӣ нисбат ба воридоти суғуртавӣ дар солҳои 2015-2019 ва нуҳ моҳи соли 2020**




**Таносуби маблағи пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ** 7,2 фоизи ҳаҷми умумии мукофоти (ҳаққи) суғуртавиро дар нуҳ моҳи соли 2020 ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 1,6 банди фоизӣ зиёд мебошад. Афзоиши таносуби мазкур аз бештар гардидани ҳаҷми умумии пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ

---

[3] Амалиётҳои азнавсуғуртакунии ташкилотҳои суғуртавии кишвар, ки барои кам кардани уҳдадориҳо ва коҳиш додани хавфҳои эҳтимолии ҳодисаҳои суғуртавӣ равона шудаанд, бинобар сабаби мавҷуд набудани ташкилоти азнвсуғуртакунии миллӣ тавассути ташкилотҳои азнавсуғуртакунии хориҷӣ анҷом дода мешаванд.

аз рӯи ҳодисаҳои руҳдодаи суғуртавӣ шаҳодат медиҳад, ки таи солҳои охир афзоиши устуворро касб намудааст.

Инчунин, дар давраи ҳисоботӣ пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ аз рӯи шаклҳо чунин ҷамъбаст гардидаанд. Аз рӯи суғуртаи ихтиёрӣ дар нуҳ моҳи соли 2020 ба маблағи 11,3 млн. сомонӣ пардохтҳои (ҷубронҳои) суғуртавӣ амалӣ гардидааст, ки 89,7 фоизи ҳаҷми умумии пардохти (ҷуброни) суғуртавиро ташкил дода, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта мутаносибан ба андозаи 3,0 млн. сомонӣ (36,1 фоиз) зиёд мебошад.

Пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ аз рӯи шакли суғуртаи ҳатмии давлатӣ ва суғуртаи ҳатмӣ дар нуҳ моҳи соли 2020 мутаносибан 149,2 ҳаз. сомонӣ ва 1 057,4 ҳаз. сомониро ташкил намуданд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта суғуртаи ҳатмии давлатӣ 81,1 ҳаз. сомонӣ (119,1 фоиз), суғуртаи ҳатмӣ бошад, 33,2 ҳаз. сомонӣ (3,2 фоиз) афзоиш ёфтааст.

**Диаграммаи 9. Тағйирёбии Пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ аз рӯи шаклҳои суғурта дар нуҳ моҳи солҳои 2019 ва 2020**




**Миқдори умумии шартномаҳои басташуда** дар нуҳ моҳи соли 2020 ба 1 154,3 ҳаз. адад баробар шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 212,7 ҳазор адад (18,4 фоиз) раванди камшавиро касб намудааст. Чуноне, ки қаблан қайд намудем, воридоти мукофоти суғуртавӣ новобаста аз кам шудани шумораи шартномаҳои басташуда раванди афзоишёбӣ дорад. Ин омил аз он шаҳодат медиҳад, ки як

қисми муайяни шартномаҳои суғуртавӣ дар ин давра бо маблағҳои суғуртавии калонҳаҷм баста шудаанд.

**Диаграммаи 10. Миқдори шартномаҳои басташуда дар солҳои 2015-2019 ва нуҳ моҳи соли 2020.**




**Фоидаи софи ташкилотҳои суғуртавӣ** дар нуҳ моҳи соли 2020 ба 80,9 млн. сомонӣ баробар шуд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 31,6 млн. сомонӣ (64,1 фоиз) зиёд мебошад, ки ин нишондод мавриди истифодаи самаранок қарор гирифтани маблағҳои захираҳои суғуртавиро нишон медиҳад.

Чуноне, ки таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, яке аз нишондиҳандаҳои муҳими ифодакунандаи самаранокӣ ва ҷолибнокии ташкилотҳои суғуртавӣ ин нишондиҳандаи даромаднокии онҳо мебошад. Нишондиҳандаи даромаднокии дороиҳои (ROA) низоми суғурта дар давраи ҳисоботӣ ба ҳисоби миёна 6,4 фоиз ва нишондиҳандаи даромаднокии сармоя (ROE) бошад, 10,6 фоизро ташкил намуданд.

**Нишондиҳандаҳои асосии даромаднокии низоми суғурта дар нуҳ моҳи соли 2020**

**ROA** — **6,4%**

**ROE** — **10,6%**